*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА063*
*назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ*
*ва соҳибкории Тоҷикистон (ш. Душанбе,*
*хиёбони Борбад, 48/5)*

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст.

Автореферати диссертатсияи Асрорзода А.С. ба масъалаҳои муҳим- такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити гузариш ба рушди устувори иқтисоди миллӣ бахшида шудааст. Он аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳамияти калон дошта, ба ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар марҳилаи муосири рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Дар автореферат мазмун, нақш ва аҳамияти ҳамкории давлат бо бахши соҳибкорӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ таҳқиқи амиқ қарор гирифта, ҳамоҳангии ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дар шароити афзоиши мушкилоти экологӣ ва маҳдуд гардидани захираҳои табиӣ таъмин менамояд.

Ҳолон, ки дар солҳои 2020-2024 шумораи умумии субъектхои хоҷагидор аз 335,3 ҳазор то 358,6 ҳазор адад афзоиш ёфта, суръати рушд 6,9 фоизро ташкил намудааст, бояд сохтори оптималии субъектҳои соҳибкорӣ, вазъи корхонаҳо аз рӯйи шаклҳои моликият, сатҳи устувории фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо ҷой доштани муаммоҳои институтсионалӣ ва молиявӣ вобаста мебошанд, мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта шуда, роҳҳои ҳалли онҳо аз тарафи муаллиф дуруст пешкаш шудаанд.

Ҷиҳатҳои мусбати таҳқиқот инчунин дар он дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф рушди низоми молиявӣ ва нақши қарздиҳии бонкиро дар таъмини рушди соҳибкорӣ нокиярфоя арзёбӣ намуда, дар ин ҷода зарурати тақвияти механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро асоснок кардааст. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ, бо фарогирии кишварҳои пешрафта ва рӯ ба рушд, маҷмуи ҷузвҳои асосии моделҳои муваффақи шарикии давлат ва бахши хусусиро муайян карда, барои татбиқ дар шароити Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

Муаллиф самтҳои афзалиятноки такмили ҳамкории давлат ва бахши соҳибкориро бо назардошти равандҳои рақамикунонӣ ва гузариш ба иқтисоди «сабз» пешниҳод намудааст. Ин пешниҳодҳо ҳамчун асос барои такмили сиёсати иқтисодии давлатӣ , инчунин дар рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷа ва доҳилӣ истифода шуда метавонанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ баъзе камбудиҳо дар автореферати диссертатсия ба назар мерасанд, аз ҷумла:

- дар автореферат таъсири хавфҳои эҳтимолии молиявӣ ва институтсионалӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба таври муфассал баррасӣ нашуданд.

- агар механизмҳои ҷалби сармояи хориҷӣ дар раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо шарикии давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ таҳлил мегардиданд, сифати тадқиқоти илмӣ баландтар мешуд.

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин, ки афтореферат ва диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор кори мустақилонаи илмӣ буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Он аз рӯйи муҳтаво ва мазмун ба талаботи муқаррараргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 - Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Муқарриз,**
**мудири шуъбаи бозори молиявӣ**
**ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории**
**Институти иқтисодиет ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент** **Шарифзода Б.М.**